Суратҷаласаи №3

аз ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ва кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"

аз 09 ноябри соли 2021 ш.-ки Данғара

**Иштирок доштанд:** мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.ф., дотсент Д.С. Қодиров, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав н.и.ф., дотсент С. Аҳмадов, д.и.ф., профессор Р. Тағаймуродов, д.и.ф., профессор Н.Н. Нуров, д.и.ф., профессор О.Ш. Саидҷаъфаров, н.и.ф., дотсент Қ.Н. Самардинов, н.и.ф., дотсент Қ. Наимов, доктори (PhD) С.Ҷ. Чиллаев, н.и.ф., А. Муродов, н.и.ф. Қ. Пирхонова, инчунин омӯзгорони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик.

Рӯзномаи маҷлис:

Баррасии диссертатсияи саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёт тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Данғара" Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.

Нахуст, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.ф., дотсент Д.С. Қодиров ҷаласаро ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис ошно намуд. Сипас, сухан барои гузориши мухтасар ба диссертант Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар бораи баррасиии муҳтаво ва мундариҷа, меҳварҳои аслии диссертатсия дода шуд. Мавсуф дар бораи интихоби мавзуъ, мақсад ва ҳадафи кори илмии худ дар доираи вақти муқаррашуда баромад намуд. Аз гузориши ӯ вай маълум гардид, ки диссертатсияи аз муқаддима, 3 боб (иборат аз 8 фасл) ва хулосаву феҳрасти манобеи истифодашуда иборат аст.

Диссертант иброз дошт, ки мавзуи интихобнамудааш дар адабиётшиносии муосири тоҷик ҷойгоҳи хос дошта, барои омӯзиши паҳлуҳои мухталифи жанри ёддошт аз аҳамияти муҳим бархурдор мебошад.

Ҳамчунин, диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар заминаи ошноӣ бо адабиёти рус, Осиёву Аврупо ва дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти классикии форсу тоҷик нуктаи назари худро оид ба заминаҳои суннатии ривоҷи ёддоштнависӣ аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ баён намояд. Дар ин замина, ҳадафи аслии таҳқиқот муайян намудани нақш ва мақоми Убайд Раҷаб дар инкишофи жанри ёддошт ва бозтоби махсусиятҳои сабкӣ ва мавзуии он дар осори насрии ӯ ба шумор меравад.

Аз ин хотир, ба омӯзиш ва пажӯҳиш ин паҳлӯи муҳими насри муосири тоҷик иқдом варзида, ҳалли илмии масоили зеринро ҳадафи асосии тадқиқоти хеш қарор додааст:

- муайян кардани анъанаҳои суннатии ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик, ки аз адабиёти классикии форсу тоҷик, инчунин кишварҳои дигар сарчашма гирифтаанд;
- баррасии мазмун ва шеваи ёддоштнависӣ дар осори Убайд Раҷаб ва алоқаи он ба адабиёти классикию шифоҳӣ;
- таҳқиқ дар фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб ва анвои ҷойгоҳи жанри ёддошт дар осори ӯ ;
-таъйини мавқеи ёддошт дар эҷодиёти Убайд Раҷаб;
-таваҷҷуҳ ба фаъолияти родмардони ботаҷрибаи ҳифзи ҳуқуқ дар насри Убайд Раҷаб дар мисоли ҳикоя ва қиссаҳои воқеии китоби "Марди майдони талош";
- таҳлили хусусиятҳои ғоявӣ, мавзӯӣ ва услубии ёддоштҳои Убайд Раҷаб;
- муайян кардани шинохти чеҳраҳои фарҳангӣ, ҳозирҷавобӣ, ҷузъиётбинӣ, инсондӯстӣ дар насри Убайд Раҷаб;

- чеҳраи адабӣ ва фарҳангии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар насри Убайд Раҷаб ва нақши нависанда дар эҷоди шахсияти адабии ӯ;
- таҳқиқу баррасии вежагиҳои забонӣ ва сабки осори насрии Убайд Раҷаб.

Диссертант дар бахши методологии таҳқиқот аз пажӯҳишҳои муҳаққиқони дохилию бурунмарзӣ, амсоли Эдуард Браун, Евгений Бертелс, Ҳ. Эте, А. Э. Крупский, Э. Браун, Э. Щ. Арбери, Ян Рипка, Маликушшуарро Баҳор, С. Шамисо, М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Аҳмад Абдуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Садрӣ Саъдиев, Муҳаммадҷон Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифов, Ю. Салимов, А. Раҳмонов, Абдунабӣ Сатторзода, Худоӣ Шарипов, Абдулманнони Насриддин, Носирҷон Салимӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Н. А. Маҳмадаминов, Ш. Солиҳов, Н. Бозоров, Ф. Ҳусейнов, Ҳ. Боқиев, Н. Нуров ва дигарон истифода намудааст.

Ба таъкиди диссертант бори аввал дар ин диссертатсия ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои тоза ва суннатҳои хоси онро дар таркиби осори насрии ӯ мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо такя ба адабиётшиносии рус ва нависандагони Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадааст, ки насри ёддоштии мо аз адабиёти классикӣ, рус ва Шарқу Ғарб баҳра бардоштааст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар заминаи муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии тоҷик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ- садаи бист мусоидат намудааст. Ҳамчунин, баррасии мавзуъ имконият медиҳад, ки дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва забону услуби он

тасаввури возеҳ пайдо карда шавад. Ҳамзамон, таҳқиқи осори насрии Убайд Раҷаб аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва

навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар рисола махсус таъкид гардидааст.

Ҳамин тавр, диссертант мегӯяд, ки таваҷҷуҳ ба адабиёти гузаштаи мо баёнгари он аст, ки ёддошт ҳамчун жанри мустақили адабӣ аз дергоҳи таърих ҷойгоҳи хосае дошта, ҳарчанд гоҳо бо сафарномаҳо як навъи асари бадеӣ шинохта шудааст, вале таваҷҷуҳ ба аслу моҳият ва бунёди ин навъ осор шаҳодат аз он медиҳад, ки ин навъи мустақили наср ба шумор меравад.

Баъд аз таҳлилу баррасии муҳтавои диссертатсия бахши муҳокима шуруъ гардид, ки дар ин бахш мудири кафедра Қодиров Д.С. доир ба корҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомёфта изҳори назар намуд.

Устодон саволҳои худро пешниҳод карданд:

– Савол. Пирхонова Қ.: Дар адабиёти муосири тоҷик, нахустин адибе, ки ба нигоштани асари ёддоштӣ шуруъ намуд, кӣ буд?

– Ҷавоб: Устод Садриддин Айнӣ.

– Савол. Самардинов Қ.Н.: Убайд Раҷаб кай ба навиштани асарҳои ёддоштӣ даст зад?

– Ҷавоб: аз солҳои 90-уми асри хх.

– Савол. Тағаймуродов Р.: Ҷанбаъҳои ёддоштӣ бештар дар кадом асарҳои Убайд Раҷабро ба зухур расидаанд?

– Ҷавоб: «Марди майдони талош», «Зинда ба ишқ», «Душ будам ҳамнишин».

– Савол. Қодиров Д.С.: Убайд Раҷаб дар раванди идомаи суннати ёддоштнависӣ аз кадом қолабҳо истифода бурдааст?

– Ҷавоб: Бештар қолабҳои жанрии ҳикоя ва қиссаро ба кор бурдааст.

– Савол. Наимзода Қ: Хотиранависӣ чи гуна жанр аст?

– Ҷавоб: Хотиранависӣ яке аз муродифҳои ёддоштнависӣ мебошад ва решаи он аз феъли «хатара юхатиру», ки ба маънои «ба фикри касе расидан", "роҳ ёфтан", ба кор меравад.

– Савол. Аҳмадов С.: Дар адабиёти форсу тоҷик аввалин сафарномаи машҳур ба кӣ мутааллиқ аст?

– Ҷавоб: ба Носири Хусрав. Асари ӯ гузорише аст аз сафари ҳафтсола аз зодгоҳаш Хуросон то Миср ва бозгашти ӯ ба Ватан мебошад.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи диссертатсия оғоз гардид. Диссертатсия аз тарафи д.и.ф., профессор Р. Тағаймуродов ва н.и.ф., дотсентон С. Аҳмадов, Наизода Қ., Д. Қодиров мавриди мутолиа қарор гирифта, ҳар яке дар навбати худ фикру андешаҳои хешро дар робита ба диссертатсияи номзадии Давлатов У.М. баён намуданд.

1.**Профессор Р. Тағаймуродов** таъкид намуд, ки муҳимияти кор дар он аст, ки диссерататсия бо ин ки аз баъзе навоқис орӣ нест, аз нигоҳи куллӣ кори анҷомшуда махсуб мешавад. Чунки он дархури замон буда, аз ҷиҳати бандубаст мутобиқ ба талаботи услуби илмӣ ба қалам омадаст. Бемуҳобо.

ҳар қисмате аз диссертатсия, бо масоиле, ки дар худ дорад, шоистаи як таҳқиқоти тозаест. Унвонҷӯ тавонистааст ба максади дар назди худ гузошташуда ноил гардад:

Ҳарчанд, муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ роҷеъ ба хусусиятҳои осори Убайд Раҷаб таҳқиқоти густурдаву фарогири илмӣ анҷом додаанд, вале баъзе аз паҳлуҳои осори ёддоштии адиб пажӯҳиши жарфро тақозо менамоянд.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Беҳтар мебуд, ки агар диссертант таҳқиқро дар заминаи муқоиса бо осории назарияпардозони мозӣ ва ҳамаасрони Убайд Раҷаб ба роҳ мемонд.
2. Диссертант бояд муқаддимаи диссертатсияро ба талаботи ҷории КОА назди Президенти ҶТ мувофиқ созад.
3. Хуб мешуд, ки унвонҷӯ бобҳои диссертатсияро дубора таҷдиди назар менамуд.
4. Дар поёни бархе фаслҳо назари шахсии диссертант камранг аст, ки ҳусни диссератсияро коста мегардонад.
5. Дар рӯйхати адабиёт ғалатҳои техникӣ мазкуранд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро боло мебарад.

Аммо, бояд қайд намуд, ки вуҷуди ғалатҳои фавқуззикр ва дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот ҳақиру ночизанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ бар мукаммалии кор ва мазмуну мундариҷаи он, ки дар мадди аввали таҳқиқот меистанд, коҳиш ворид намесозад. Ба вуҷуд омадани чунин як рисолаи диссертатсионӣ, дар ҳақиқат, халои адабиётшиносии тоҷикро пур мекунад.

2. **Дотсент С. Аҳмадов** чунин иброз доштанд, ки диссертатсия ба сабку услуби ҷавобгӯ ба таълифоти рисолаҳои илмӣ ба калам омада, ҷиҳати мудаллал баён гардидани матолиби таҳқиқӣ, муҳаққиқ аз осори адабиётшиносони бузурги дохилию бурунмарзӣ истифода намудааст.

Аз таҳлилу баррасиҳои унвонҷӯ роҷеъ ба мавзуи мазкур маълум мешавад, ки ӯ барои мувофиқи талабот ҳаллу фасл намудани мабоҳиси матраҳгардида, аз худ заҳмати зиёде кашида, аз адабиёти фаровони илмиву таҳқиқотӣ самаранок истифода кардааст. Инчунин, диссертант моҳияти масъалаи ба ӯ вогузоршударо хеле хуб дарк намуда, огоҳона ба таҳлилу баррасии он камар бастааст ва то андозае ба мақсади худ комёб низ гардидааст. Бисёр фикру андешаҳои баёнкарда ва хулосаҳои баровардаи вай мантиқан дуруст буда, ҷамъбасти мавзуъ ба таври матлуб сурат гирифтааст. Дар баробари муваффақиятҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

Пешниҳоду эродҳо:

1. Дар бархе маворид дар истифодаи калимот ва истилоҳоти илмӣ ба ғалат роҳ дода шудааст, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

2. Хуб мешуд, ки диссертант дар баробари сарчашмахои дигари назарӣ аз осори муҳаққиқони аврупоӣ, ки ба мавзуи мавриди назар дахл кардаанд, ба таври қиёсӣ истифода менамуд.

3. Кӯтоҳ ва фишурда овардани баъзе шавоҳид дар диссертатсия аз манфиат холӣ нест.

4. Таҳлили намунаҳои овардашуда дар диссертатсия ба манфиати кор мебошад.

5. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникӣ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои мазкур ислоҳпазир буда, ба моҳияти илмии диссертатсия халал ворид намекунад.

3. Дотсент Наимзода Қ. зикр намуд, ки диссертатсияи мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар муқаддима дар баробари таъкид бар аҳамият, зарурат ва ҳадафи пажӯҳиши мавзуъ, ба таърихи омӯзиши масъала пардохта шудааст. Дар натиҷаи баррасии жарфу дақиқи таърихи омӯзиши мавзуъ ошкор мешавад, ки ҷойи таҳқиқоти фарогиру густардае дар шинохти илмии осори ёддоштии Убайд Раҷаб дар адабиётшиносӣ ҳанӯз холист.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ бояд шарх дода шаванд.
2. Рӯйхати адабиёт таҷдиди назар карда шавад.
3. Иқтибосҳо дубора бозхонӣ шавад.

Ҳамин тариқ, фишурдаи диссертатсия ва мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои рисоларо инъикос менамоянд.

4. Дотсент Д.С. Қодиров, тазаккур дод, ки диссертатсия бо услуби хуби илмӣ иншо шудааст ва шоистаи таҳсин мебошад. Баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ дар рисола ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Таносуб дар риояи бобҳо ба талабот мувофиқ карда шавад.
2. Нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ бояд пуркувват карда шаванд.
3. Рӯйхати адабиёт ба ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад.
4. Бархе тавсифоте, ки ба арзиши диссертатсия халал ворид мекунанд, бардошта шавад.

Матолибе, ки дар боло қайд шуданд ислоҳпазир буда, муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар назди хеш гузоштаро ба хубӣ ҳаллу фасл намудааст ва кори ӯ таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ва пажӯҳиши ҷадиде дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад.

Баъди муҳокимаи диссерататсияи номзадии Давлатов Умаралӣ бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири

тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи таълифи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй ҳисобида шавад.

2. Бо назардоштиислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба марҳилаи навбатии ҷаласаи Шурои олимони факултет пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Қодиров Д.С.
Тел.: (+992) 931330777
Почтаи эл: kodirov_ 8080@ mail.ru

Мудири кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, н.и.ф., дотсент: — Аҳмадов
Тел.: (+992) 988157581
Почтаи эл:

Котиби илмӣ, номзади илмҳои филология: — Пирхонова Қ.

Суроға; 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
E-mail:info@tnu.tjint.re@gmail.com http;“www.,tnu.ti
Телефон: (+992-) Факс:
E-mail:ddd-ilm@mail/ru

*Имзои Д.С. Қодиров, С. Аҳмадов ва Қ. Пирхоноваро*
“Тасдиқ менамоям”
сардори РК ва КМ ДДД — Ҷабборӣ Н.Ч.